# ЯК НАЗАР БА НАМУНАҲОИ АШЪОРИ ДУЗАБОНА ДАР АДАБИЁТИ БАДЕИИ АСРҲОИ XVII-XIX

**Ҳикмат Султонович Ҳикматов**
устоди Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқи вилояти
Тошканди Республикаи Ўзбекистон
xikmatxikmatov15@gmail.com

## АННОТАТСИЯ

Аз таърих ба мо маълум аст, ҷанҷолҳову задухўрдҳои байни феодалҳо, ки дар асри XVII оғоз ёфта буд, то ибтидои асрҳои XIX низ муттасил давом кард ва ин ҳолат ба пешрафти адабиёти бадеӣ ҳам бетаъсир намонд. Маҳз дар натиҷаи ана ҳамин гуна беадолатиҳо дар адабиёти бадеӣ ду ҷараёни калони то андозае ба ҳам муқобил ба вуҷуд омаданд. Яъне, дар эҷоди баъзе осорҳо танҳо мадҳу ситоиши ҳукмронони давр ба назар расад, дар қисми асосии асарҳои адибони ин давр вазъи замон, беадолативу норасоиҳои ҳаётӣ, зиндагии мардуми меҳнатӣ ифодаи худро ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** таъаддӣ, мазҳака, салиқа, реал, қушбегӣ, мухаммас, соқӣ, иртиҷоъ.

## ANNOTATSIYA

Tarixdan ma’lumki, feodallar o‘rtasida 17-asrda boshlangan janjal va kurashlar 19-asr boshlarigacha davom etgan va bu holat adabiy adabiyot rivojiga o‘z ta’sirini ko‘rsatmagan. Ana shu adolatsizliklar natijasida adabiy adabiyotda ikki yirik va bir oz qarama-qarshi oqim vujudga keldi. Ya’ni, ayrim asarlar yaratilishida faqat davr hukmdorlarining maqtovi, bu davr adiblari ijodining asosiy qismida davr ahvoli, adolatsizliklar va hayotiy kamchiliklar, o‘sha davr hukmdorlarining maqtovlari ko‘rinadi. mehnatkash xalq hayoti o'z ifodasini topdi.

**Kalit so‘zlar:** taaddi, komediya, salika, real, qushbegi, muhim, soqiy, reaksiya.

## ABSTRACT

As we know from history, quarrels and fights between feudal lords, which started in the 17th century, continued until the beginning of the 19th century, and this situation did not leave an impact on the development of literary literature. It was as a result of these injustices that two large and somewhat opposite currents emerged in the literary literature. That is, in the creation of some works, only the praise of the rulers of the period can be

seen, in the main part of the works of the writers of this period, the situation of the time, the injustices and life deficiencies, the life of the working people found their expression.

**Keywords:** taaddi, comedy, salika, real, kushbegi, important, soki, reaction.

## ҚИСМИ ДАРОМАД

Робитаи адабиёти хаттӣ бо эҷодиёти даҳонакии халқ маҳз дар ҳамин давра вусъат гирифта, намуди нави он - дар асоси сюжетҳои халқӣ офарида шудани китобҳои хаттӣ ба миён омаданд. Аз ҷумла «Тоҳир ва Зуҳро», «Санобар», «Баҳром ва Гуландом» барин достонҳо китобат карда шудаанд, ки дар онҳо ба зидди беадолативу ноинсофӣ, зулму таъаддӣ мубориза бурдани халқи оддӣ, мардуми заҳматкаш, инчунин васфи муҳаббат, тантанаи ишқи пок акси худро ёфтаанд.

Маҳз дар адабиёти бадеии ин давра лирика ва жанрҳои гуногуни он бештар инкишоф ёфта, дар ин бобат Машраб, Шӯхӣ, Вафоӣ, Нодир, Ғозӣ, Нодира, Увайсӣ, Маҳзун, Муҷрим, Обид, Равнақ, Мунис, Огаҳӣ ва дигарон ба онҳо бештар эътибор додаанд. Яъне дар жанрҳои гуногун эҷод карданд. Дар баробари ин мавзӯи иҷтимоиёт низ ба адабиёт сахт алоқамандӣ пайдо кард. Дар мазмуни адабиёти ин давр ҳамчунин ҳаҷву мазҳака, танқиду тамасхӯрӣ низ мавқеи калон пайдо намуда дар ин соҳа Турдӣ, Маъдан, Акмал, Махмур, Гулханӣ барин намояндагони адабиёти пешқадам қалам ронда, то андозае ба фош кардани иллатҳои ҷамъият муваффақ шудаанд. Бар хилофи расмияти адабиёти дарборӣ аз замонаи нотинҷу парешон, зулму бедодгариҳои аҳли сарвату мансаб, аҳволи вазнини халқи аз пой афтода, вайрониҳои шаҳру деҳаҳо,афтодарӯҳии аҳли илму ҳунар дар навистаҳои худ шикоят мекарданд.

Бо вуҷуди инкишофи жанри лирика Нишотӣ, Андалеб, Ҳозиқ барин шоирон анъанаҳои достонсароии гузаштаро бо муваффақият давом дода тавонистанд. Дар адабиёти ин давра қариб аксар жанрҳои адабиёти мумтози ӯзбек ва форсу тоҷикро пайдо кардан мумкин аст. Намояндагони зиёде ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки ҳам дар наср ва ҳам дар назм ва бо ду забон эҷод мекардагӣ шуданд.

Яке аз хусусияти асоситарини адабиёти ин давра (махусан дар доираҳои адабии Бухоро ва Қӯқанд) давом ёфтани анъанаи зуллисонайнӣ, яъне ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пайваста эҷод кардан буд. Бисёр шиирони ин давр ба ҳар ду забон ҳам асарҳои аз ҷиҳати ғоявӣ пурмазмун ва аз лиҳози мавзӯ ва мундариҷа хеле баланд офарида тавонистанд. Аз ҷумла, Турдӣ, Гулханӣ, Махмур, Ҳозик, Маъдан, Нодира,

Увайсӣ, Дилшоди Барно ва як қатор дигарон мебошанд, ки эҷодиёти онҳо бояд ба комилӣ аз ҳар ҷиҳат омӯхта шаванд.

## ҚИСМИ АСОСӢ

Анъанаи зуллисонайнӣ маҳз дар ҳамин давра хеле ривоҷ ёфта паҳлӯҳои гуногуни он ҳам аз ҷиҳати мавзӯву мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати шаклу жанр такомул ёфт. Ҳар як адиби зуллисонайн ба майдони адабиёт бо сабку салиқа ва диди хоси хеш ворид гардиданд. Дуруст аст, ки бисёре аз онҳо ин анъанаро, ки ҳанӯз дар адабиёти пешина асос гузошта шуда буд, давом доданд. Ин умумият бештар дар жанру шаклҳои адабӣ зуҳур карда бошад, аммо дар интихоби мавзӯ ва мундариҷа фарқиятҳои куллӣ ба назар мерасиданд. Чӣ хеле ки дар боло зикр шуд, тезутундҳои байни хонигариҳову сулолаҳо ба мазмуни ашъори адибони зуллисонайн бетаъсир намонд.Онҳо дар ҳамаи жанрҳои мавҷуда бо санъати баланд аҳволи иҷтимоии мардумро ошкоро ба риштаи назм мекашиданд. Ин фикрҳоро пас аз муоинаи мазмуни ашъори чанде аз намояндагони он давом медиҳем.

**Турдӣ – адиби зуллисонайн.** Яке аз шорони нимаи дуюми асри XVII, ки дар давоми салтанати аштархониҳо зиндагӣ ва эҷод кардааст, Турди-Фароғӣ ба шумор меравад, ки вай низ ба ду забон асарҳои лирикӣ ва ҳаҷвӣ офаридааст. Вай адабиёти бадеиро бо образҳои реалӣ-ҳаётӣ бой гардонида тавассути асарҳои ҳаҷвиаш воқеаҳои даврро рӯирост танқид карда нисбати беадолатӣ, сохтори ҳукмронии феодалӣ баромад мекунад.

Дар эҷодиёти вай мухаммаси «Дар ҳаҷви Субҳонқулихон ва амиру амалдорони вай» мавқеи чудогонаро ишғол мекунад. Дар ин асар хислатҳои ношоёни амиру амалдорон рӯирост ва фошофош танқиду масхара карда шудааст. Чунончи:

Едингиз барчангиз итдек фуқаронинг этини,
Ғасб ила молни олиб, куймадингиз битини,
Қамчилар доғ солиб буюнға, тилиб бетини,
Ёрдингиз заҳрасини (ичидан) олиб утини,
Бўлмади кам бу раият бошидан ҳеч таёқ.

Мухтасари мазмуни он чунин аст: шумо гӯшти фақиронро ҳамчу сагон хӯрдед. молу маноли онҳоро ба хукми зӯрӣ гирифтед ва ҳатто шабушкашро намондед. Аз зарби тозиёнаҳои шумо дар гардан доғу дар руй накшу изҳо мондаанду бас. Талхаи мардумро кафонда, захри

онро ҳам кашида гирифтаед ва ба туфайли шумоҳо аз сари раият калтак кам нашуд.

Рости гап, шоир Турдӣ дар бисёре аз жанрҳои адабӣ қалам рондааст ва махсусан мавзӯъҳои танқидиашро дар мухаммасоташ ҷой додааст. Номи мукаммали мухаммаси болоӣ «Дар асри Субҳонулихон ва бидъатҳои хон ва ғуломон ва умарои он ва инок будани Бойлоқ қушбегӣ мухаммаси туркӣ дар ҳаҷви онҳо таҳрир намуда шуд» буда, дар он шоир кирдукори ношоёни ҳукмдорони давррo, беадолативу мансабпарастиҳои онрҳоро рӯирост танқид мекунад.

Турдӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ шеърҳо гуфтааст, ки аз мукаммал донистани ӯ ин забонро гувоҳӣ медиҳанд. Мухаммаси бар ғазали Саъдӣ гуфтаи ӯ аз ҷумлаи асарҳои форсӣ-тоҷикии ӯст, ки банди аввалаш ин аст:

Барги ҳар тозагуле шоҳиди мадди назаранд,
Ҳар варақ сафҳаи манзур зи аҳли басаранд,
Хушклаб, доғ ба дил, ташна ба хуни ҷигаранд,
Нест он лолаки дар бодияҳо ҷилвагаранд,
Куштагонанд, ки аз хок баровардa саранд.

Турдӣ дар шаклҳои гуногуни лирика асарҳо эҷод карда, беҳтарин анъанаҳои Саъдӣ, Навоӣ, Фузулӣ барин шоирони пешинаро давом додааст.

**Муҳаммад Шариф Гулханӣ – адиби дузабона.** Яке аз намояндагони дигари адибони дузабонаи адабиёти охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX Муҳаммад Шариф Гулханӣ мебошад, ки вай барои адабиёти ӯзбек ва тоҷики ин давр қариб баробар хизмат кардааст. Аз манбаъҳои илмӣ маълум аст, ки аксари адибони зуллисонайн унвонҳои гуногун, азҷумла Ҳазрат, Шайх, Аллома, Маликушшуаро, Амир, Мирзо, Сайид, Хоҷа ва ғайраро соҳиб мебошанд. Муҳаммад Шариф Гулханӣ ба равзаи адибони зуллисонайни беунвон дохил мешавад. Бо вуҷуди ин аз маълумотҳои то ба мо, омада расида, аз ҷумла ахбори «Маҷмӯаи шоирон» ном тазкираи Фазлии Намангонӣ, инчунин асари Қори Раҳматулло Возеҳ «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» равшан мегардад, ки Гулханӣ тахминан дар солҳои 70-уми асри XVIII тавлид ёфта, падараш аз тоҷикони кӯҳистон будааст. Вай ҳанӯз дар овони ҷавони ба хидмати дарбор кашида шуда навкарӣ кардааст, ки дар ин хусус Фазлӣ дар тазкирааш чунин меорад:

Бувад Гулханӣ шоири кӯҳсор,
Ба даргоҳи шоҳист ӯро қарор..
Зи мардони корист дар зӯру ҷанг,

Салоҳаш ба каф теғу тиру тӯфанг.

Возеҳ дараҷаи шоирии Гулханиро бо ибораи «бисёр соҳибкамол ва бадеъ-ул-иртиҷол» нишон дода, кайд мекунад, ки «дар шеъру қасоид китобе низ мураттаб намудааст». Мутаасифона ин девон то ба мо омада нарасидааст. Аз вай танҳо чанд ашьори парокандаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, инчунин асари тамсилии «Зарбулмасал» дастрас шудаасту халос. Ин асар нуқтаи баланди эҷодиёти вай мебошад, ки ҳам аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ва ҳам аз ҷиҳати маҳорати адабӣ хеле баланд нависта шудааст. Дар ин асар ҳаракатҳои шоирро дар инъикоси пешрафти ҳаёти  мардум диданамон мумкин аст.

Лирикаи Гулханӣ асосан ишқу муҳаббат, иҷтимоӣ-граждан҃ӣ буда, дар вай оҳанги шикоят аз зиндагӣ, маҳрумият ва беҳосилии умеду орзуҳои мардуми бечора, ки худи шоир низ яке аз онҳо буд, равшантар шунида мешавад. Фазлӣ дар тазкираи худаш “бо алфози худ” шеър гуфтани вайро чандон хуб напазируфтааст ва онро борҳо бо таънаву таҳқир такрор кардааст. Тибқи маълумотҳои вай Гулханӣ дар баробари шеърҳои ҷиддии лирикӣ ва иҷтимоияш шеърҳои ҳаҷвӣ низ мегуфтааст ва дар онҳо мазмуну тарзи ифодаҳои халқиро бештар ҷой медодааст, ки ин аз мартабаи пасти шеърофарӣ ҳисобида мешудааст. Ҷиҳати намунаи ашъори вай ду ғазали ӯро ба тариқи мисол ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ меоварем:

**Намунаи тоҷикӣ:**

Саҳар, ки булбули шӯрида нолае сар кард,
Зи хуни дида гули сурх домане тар кард.
Кулоҳгӯшаи худро шикаст гул ба чаман,
Бунафша саҷдаи таъзимро муқаррар кард.
Забони шонаи савсан ба турраи сунбул,
Сабо чу теғ муҳарраф заду  муҳассар кард.
Чунон ба пойи гул афтод сабза хурраму маст,
Ки ёди хеш ба ҳангоми субҳи маҳшар кард.
Сабо бисоти заминро ба сити бӯқаламун,
Бидод зеб, ки натвон ба гуфт бовар кард.

**Намунаи ӯзбекӣ:**

Терламиш май тобидин, гулбарги рухсорин кӯрунг,
Раҳзани дил ӯлди тори зулфи зуннорин
кӯрунг.

Белу оғзидин нишон гар бир сари мӯ десалар,
Айларам инкору иқрор этмасам ворин кӯрунг.
Ӯз маконини тилар ҳар гаҳ қафасдин қочса қуш,
Эйки истарсиз кӯнгулни зулфи ҳар торин кӯрунг.
Ғамзаси жоним олур, новаклари бағрим тилар,
Золими бераҳм озор узра озорин кӯрунг.
Соқиё, ҳажр илгида хуноба ютдим, Гулханий,
Ғайр ила базм ичра они жоми саршорин кӯрунг.

Худ аз худ маълум аст, ки ҳар ду ғазал бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ аз ҷониби вай нависта шуда, мавзӯи ишқӣ-иҷтимоиро фаро гирифтааст. Боиси қайд аст, ки Гулханӣ дар ҳақиқат аз санъатҳои фаровони бадеӣ хуб огаҳ буда, дар офариниши жанри ғазал сабки хоси худро доштааст. Пуробурангӣ ва таровати гӯйиш бо ифодаҳои мутаносиби шеърӣ, аз қабили булбули шӯрида, хуни дида, саҷдаи таъзим, шонаи савсан,турраи сунбул,субҳи маҳшар,бисоти замин, сити бӯқаламун ё дар намунаи ӯзбекиаш гулбарги рухсор, зулфи зуннор, узра озор, золими бераҳм, ғайр ила, базм ичра, жоми саршор барои ифода кардани эҳсости ошиқ, ки бевосита худи ӯст, зеби маънӣ бахшидаанд. Агар ба банду басти мисраъу байтҳо жарфтар назар афканем, боз гувоҳ мешавем, ки Гулханӣ аз санъати мавзунияти сухан ва авзони тоҷикӣ низ ба хубӣ огаҳ будааст...

**Мулло Маъдани дузабона.** Дар ибтидо тахаллуси эҷодиаш Камина буд, дертар ба худ тахаллуси Маъданро қабул кардааст. Вай ҳарчанд ҳаёти вазнин дошт, вале марди сӯҳбаторою рӯҳбаланд буд. Дар маҷлису ҷамъомадҳо бисёр сӯҳбатороёна сухан мегуфт ва диққати шунавандагонро ба худ ҷалб мекард. Вай бо ҳангомаҳои латифи худ табъи мардуми ҳамсӯҳбаташро хушу болида мегардонд. Бо мақсади намуна аз эҷоди шоир ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони ӯзбекӣ мисол меоварем

**Намунаи ӯзбекӣ:**

Бода тут, соқий, раҳи майхона кӯргузгил манга,

Барқи истиғнойи ишрат ёна кӯргузгил манга.
Чархдин ком истамак эрмас бани одамга қурб,
Муттакойи ишқдин афсона кӯргузгил манга.
Водийи ҳижрона чекан ранждин ӯлмам малул,

Суҳбати чуғз истарам, вайрона кӯргузгил манга.

То нузул ўлдум, қадаҳдин дайр аро бўлдум хумор,

Соқие, рахм айлагил, паймона кўргузгил манга.
Қатраи ашкимни тўфони жунунсоз айлагил,

Маърифат дарёсидин дурдона кўргузгил манга.
Шоми ҳижрон узра кўнглум зоҳири эрмиш хомуш,

Шохсори субҳдин уйғона кўргузгил манга.
Ҳар қачон базм аҳлидин қатьи тааллуқ айларам,

Бори ғамдин соғари риндона кўргузгил манга.
Ишкдур, Маъдан, рафиқим вақти ғам туғёнида,

Пайкарим урёни ғам парвона кўргузгил манга.

**Намунаи тоҷикӣ:**

Омад шабе дар кулбаам, гуфтам ҳазорон марҳабо,

Чидам ғубори мақдамаш, бар дида кардам тӯтиё.
Шамъе зи оҳ афрӯхтам, парвонаосо сӯхтам,

Бар анҷуман омӯхтам таъдили аркони вафо.
Бунёди ҳастӣ то адам кардам нисори ҳар қадам,

Ин ҳар ду гетиро ба ҳам судам ба санги осиё.
Ҳар ҷо нишастам, сӯхтам, бо дарду ғам пардохтам,

Худро магар нашнохтам, аз шеваи нашъунамо.
Маҳфилфароз аз ҳайратам, восӯхт доғи кулфатам,

Базми чароғи зулматам, чун субҳи козиб безиё.
Ҳусне, ки дар Мисри тараб овоза дорад бар лақаб,

Омад ба бозори талаб нақди ду олам дар бақо.
Маъдан, арӯси табъи ман дорад паси оина тан,

Вақти тақозои сухан рӯ баркушояд аз қафо.

Ҳангоми омӯхтани эҷодиёти адибони дузабона, ки дар боло мухтасаран зикрашон намудем, маълум мешавад, ки онҳо дар жанр ва шакл бевосита ба намунаҳои ашъори шоирони пешин такя карда, эҷодиёти худро давом додаанд. Аз ҷумла аён шуд, ки Турдӣ дар навистани мухаммас бевосита ба Саъдии Шерозӣ пайравӣ кардааст.

Дар мавриди омӯзиши бадеияти ашъори Гулханӣ бевосита гуфтаҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ айни муддао ҳастанд, зеро дар шеъру қасоид китоб дорад ва шоири бадеъ -ул- иртиҷоъ аст, гуфтани вай бесабаб нест. Чунки Гулханӣ бо вуҷуди дар дарбор кор карданаш бисёр ҳам одами фуртакигӯй, ба таври бадеҳа бидуни фикру андеша сухан мегуфтааст. Худ аз худ дар ғазалҳои болоӣ низ истифодаи санъатҳои бадеӣ, минҷумла ташбеҳу истиора аз бадеияти баланди ашъори вай гувоҳӣ медиҳанд.

Дар равзаи адибони зуллисонайн унвони Мулло гирифтани Маъдан бесабаб нест. Аз луғатҳо ба мо аён аст, ки мулло ба маъноҳои олими дин ва шариат, домуллои мадраса ё ҳамчун калимаи эҳтиром ба номи шахсони босаводу соҳибмаърифат ва баъзе хешовандони арҷманд ...илова карда мешуданд. Инчунин, калимаи мулло аз мавлоно сарчашма мегирад, ки ин унвон то асрҳои XVII – XIX омада, баъд аз он доираи истифодааш хеле маҳдуд шуда буд. Азбаски Маъдан саводи ибтидоиро аз падари босаводаш, ки аз бошандагони деҳаи Ашти ноҳияи Понғоз буд, гирифтааст ва сипас дар Пунук аз Муҳаммадамини Косонӣ таълим бардоштааст ва ҳамчун донандаи қуръон ном баровarda буд, шояд аз ин рӯ ба он унвони Мулло адиби зуддисонайн дода бошанд...

Аз рӯйи ду ғазале, ки ҷиҳати намуна овардем, маълум мешавад, Мулло Маъдан дар жанри ғазал бештар эҷод намудааст. Бадеият ва оҳанги ғазалҳояш хеле ҷозибанок мебошанд, ки аз ин рӯ баъзе аз онҳо ба оҳанг даровarda шуда аз ҷониби ҳофизон суруда шудаанд.

## ХУЛОСА

Дар ҳаҷми мухтасар овардани маълумот ва намунаҳо аз ашъори онон доир ба намояндагони адибоне, ки бо унвони “Адибони зуллисонайн” дар адабиёти мо мавқеъ доранд, ин буд, ки аз онҳо ба фикри мо бояд ба китобҳои дарсӣ ҳатман дохил карда шаванд. Чунки дар барномаҳои китобҳои дарсӣ доир ба ҳаёту фаъолияти адибони зуллисонайн ба таври парешон маълумотҳо дода шудаанд.

Хуб мешуд, ки дар мавриди омӯзиши фанни Адабиёт (дар синфи 8) ҳангоми хондани мавзӯи “ Анъанаҳои адабии давр” ( саҳ.160-164) бо мақсади омӯзиши эҷоди онҳо ҳам соатҳои дарсӣ ҷудо карда шаванд ва маълумотҳои фаровонтар ҷой дода шаванд. Чунки омӯзиши амиқи эҷодиёти адибони зуллисонайн барои устувор нигоҳ доштани робитаҳои адабӣ ва дар минбаъд давом ёфтани ин анъанаи зуллисонайнӣ заминаҳои мустаҳкам шуда метавонанд. Азбаски бисёре аз шоирони ин муҳитӣ адабӣ ба ду забон – ӯзбекӣ ва тоҷикӣ шеърҳо офаридаанд, омӯхтан ва донистани паҳлӯҳои он барои ҳар ду халқ ҳам хеле аҳамиятнок аст.

**REFERENCES**

1. Алишер Навоий. Мукаммал асарлар тӯплами. 10 жилдлик. 9 жилд, “Мажолисун-нафоис”. Ташкент, 2011.
2. А.Қамарзода. Адабиёти ӯзбек. Ҷилди якум.Самарқанд 2001.
3. А.Қамарзода ва диг. Адабиёт (синфи 8), Тошканд, ХЭТН “O’ZBEKISTON”, 2019.
4. Ганҷи Зарафшон. Душанбе: “Адиб” 1991.
5. Гулханӣ, Зарбулмасал ва ғазаллар. Тошкент, 1958.
6. Энсиклопедияи Адабиёт ва санъати тожик. 3 томлик. Душанбе: 1988-1990.
7. Иброҳим Ҳаққул. Абадият фарзандлари. Тошкент: “Ёш гвардия”, 1990.
8. Н. Маъсумӣ. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVIII-XIX. Душанбе, 1962.
9. Н. Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб дар ду ҷилд (ҷилди 1), Нашриёти “Ирфон”, Душанбе, 1977, саҳ. 59.
10. С. Айнӣ. “Намунаи адабиѐти тоҷик”, -Душанбе, “Адиб”, 2010.
11. Турдӣ, Танланган асарлар, Тошкент 1958, саҳ. 7
12. Ӯзбек адабиёти. 4 томлик. Тошкент: “Фан”, 1978.
13. Ф.Исомиддинов, Жонмирзо Мирзоев, “Зуллисонайн адиблар” ( Адибони зуллисонайн), Тошкент, “Истиқлол нури”, 2013.
14.Ҳикматов Ҳикмат. “Баъзе масоили зуллисонайнӣ дар осори илмии Садриддин Айнӣ”, Май 2023, Academic Research in Educational Sciences.